«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х.
_____
«___» ноябри соли 2022.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи **«Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502-Забони тоҷикӣ) мебошад. Диссертатсия дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: **Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи «Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)» дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми августи соли 2022, суратҷаласаи №1 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети филология диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна **«Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)»** бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.

Раҳимов Шафоатов А. Н. ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълимии забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон Каримов Н. С. баррасӣ ва муҳокима намуданд. Аввалан доктори илми филология Шафоатов Н баромад намуда, зикр кард, ки таҳқиқоти мазкур аз чунин мавзуъҳои мубраме мебошад, ки муҳтавои асосии он яке аз навъҳои воҳидҳои фразеологӣ – ибораҳои тавсифии фразеологӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқ мулоҳизаҳои хешро доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мазкур баён кардааст, ки аз мустақилияти ӯ дар кори таҳқиқ дарак медиҳад. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳо эътимодбахш мебошанд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд норасоиҳои чузъии ислоҳталаб ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо ба назари мо сифати кори илмии зикргардидаро меафзояд.

1. Дар ягон саҳифаи диссертатсия аз ҷониби муаллиф оврдани ҷадвал, схема, гисторграмма ба мушоҳида намерасад;
2. Ба назари мо, бандҳои қисмати хулосаи диссертатсия хеле васеъ буда, онҳоро ихтисор намудан мумкин аст.
3. Ҷо – ҷо роҳ ёфтани ғалатҳои грамматикиву имлоӣ дар саҳифаҳои 96, 66, 71 ва дар феҳристи адабиёт ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Номзади илми филология, дотсент Н. Каримов баромад намуда, қайд намуданд, ки диссертатсияи М. Убайдуллоеваро метавон як дастоварди хуб номид, зеро муҳаққиқ дар муқаддима доир ба масоили мубрам будани мавзуъ, манбаи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонӣ ва ғайра ба таври мушаххас баён шудааст. Мақсади муҳаққиқ дар муқаддима ва се боби кор ба таври муфассал баён гардида, онро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст. Мубрамияти пажуҳиш дар он аст, ки аввалин маротиба ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таҳқиқоти мазкур

барои муҳаққиқони ояндаи илми забоншиносӣ маводи хуби илмӣ буда метавонад. Натиҷа ва хулосаҳои пажуҳиш низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзуи рисола иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт зикр гардидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо бояд зикр кард, ки дар рисолаи мазкур баъзе камбудӣ ва ғалатҳо ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии сифати кор аст:

1. Кори илмии мазкур **«Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)»** унвон дошта, мисолҳо пурра аз наср оварда шудааст. Гарчанде дар объекти таҳқиқ оварда шудааст, ки «объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро насри муосири тоҷик ташкил медиҳад» (с.11), бояд дар зери унвони рисола низ «дар мисоли насри муосири тоҷик» зикр шавад. Зеро забони тоҷикӣ на фақат тавассути наср ташаккулу такомул ёфтааст ва дар ин росто нақши назм болотар аст.

2. Дар зерфасли 2.2. зери унвони «Ифодаи ҷузъҳои дохилии ибораҳои фразеологии тавсифӣ бо ҳиссаҳои нутқ», зерфаси 2.2.1. «Ифодаи ҷузъи якум» фақат чор мисол (чашмони заррӯқ, нони моҳтобӣ, қиссаҳои пурдард, духтари сиёҳбахт, с.59) меорад, ки ҳусни кори илмиро мекоҳонад.

3. Дар ҷобаҷогузории рӯйхати адабиёт муҳаққиқ ба саросемагӣ роҳ дода, хронология риоя нашудааст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, Шафоатов А. ва номзади илми филология, дотсент Каримов Н. Шурои олимони факултети филология нисбат ба бурду бохти илмии диссертатсияи Убайдуллоева М. А. Ба чунин хулоса омад:

Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шудааст.

Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ таҳлилу баррасии забонии ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ як қатор масъалаҳои имконпазир ва ичрои вазифаҳои зерин сурат мегирад;

- муайян намудани мавқеи тавсиф ҳамчун воситаи тасвирӣ бадеӣ дар ташаккули ибораҳои фразеологии тавсифии забони тоҷикӣ;

- ҷамъоварии мавод ва гурӯҳбандии фразеологизмҳои тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ;

- таснифоти сохториву маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;

- муқаррар намудани муҳимтарин нишонаҳои забонии фразеологизмҳои тавсифӣ;

- муайян кардани умумият ва тафовути ибораҳои фразеологии тавсифӣ аз дигар навъҳои воҳидҳои рехтаи забони тоҷикӣ;

- таҳқиқи масоили гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;

- муқаррар намудани мавқеи маъноҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ ва образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ.

Зимни таҳқиқи диссертатсия пажуҳишу таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ш. Балли, П. Смит, Х. Касарес, О. Есперсон, В. Крейзинг, В. Виноградов, Н. Шанский, Б. Ларин, В. Архангелский, А. Кунин, И. Ожегов, А. Смирнитский, С. Абакумов, А. Булаховский, В. Жуков, М. Сидоренко, Л. Ройзенсон, аз олимони тоҷик: Н. Маъсумӣ, Р. Эгамбердиев, Р. Ғаффоров, С. Хушенова, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, И. Ҳасанов, Р. Саидов, Х. Ҷалилов, М. Мирзоева, Б. Осимова, М. Муслимов, Ҳ. Дӯстзода, Г. Зоғакова, Б. Шодиев, Н. Саидов, Н. Ґадоев ва дигарон истифода шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки ин навъи воҳидҳои фразеологӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ то кунун дар шакли таҳқиқоти ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтаанд. Бори

аввал дар диссертатсия хусусиятҳои муҳимтарини тавсифҳои фразеологӣ, сохтор ва қолабҳои онҳо, мансубияти онҳо ба ҳиссаҳои нутқи ҷудогона, гурӯҳҳои маъноии онҳо – идиома ва фраземаҳои тавсифӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин ифодаи образ, маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотӣ дар ибораҳои рехтаи тавсифӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои аппликатсияи фразеологӣ, тасвирӣ, таҳлили ҷузъӣ, таҳлили луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва усули тафсири луғат самаранок истифода шудааст.

Арзиши назариии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳқиқоти ибораҳои фразеологии тавсифӣ имконияти таҳқиқи васеи дигар паҳлуҳои фразеологияи забони тоҷикӣ ба даст меояд. Аз ин ҷиҳат натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои назариявии шохаи фразеологияи забони тоҷикӣ ва хосатан назарияи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ифодаҳои рехта хидмати арзанда намоянд.

Арзиши амалии кори диссертатсионӣ дар он зохир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон дар рафти таълими фанҳои луғатшиносӣ, фразеология, маъношиносӣ, сарф ва услубиёти забони тоҷикӣ васеъ истифода намуд. Ҳамчунин истифодаи онҳо дар омода намудани фарҳангҳои фразеологӣ ва рисолаҳои илмии сатҳҳои гуногун маслиҳат дода шавад.

Натиҷагириҳо аз ин таҳқиқот дар илми забоншиносии имрӯзаи тоҷикӣ ва барои таълими фанҳои ихтисоси филологӣ, услубшиносӣ, вожашиносӣ, маъношиносӣ, луғатнигорӣ ва таълифи дастуру воситаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ маводи муфиде дода метавонад. Ҳамчунин, фаслҳои алоҳидаи ин таҳқиқ ба сифати фанни курс ва семинари ихтисос дар факултетҳои филологии таҳсилоти олӣ метавонад мавриди таҳлилу тадрис қарор бигиранд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- Баррасии ибораҳои фразеологии тавсифӣ ҳамчун як навъи ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ;
- Муайян намудани мавқеи тавсиф ҳамчун санъати бадеӣ дар ташаккули ибораҳои фразеологии тавсифӣ;
- Дар заминаи таҳлили сохториву маъноии тавсифоти фразеологӣ муқаррар кардани нишонаҳои асосии онҳо;
- Нишон додани мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркибии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;
- Дар асоси таҳлили мундариҷаи маъной нишон додани мавқеи маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотӣ дар тавсифҳои фразеологӣ;
- Муқаррар намудани гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;
- Дар заминаи таҳлили сохториву маъной муқаррар намудани мавқеи ибораҳои фразеологии тавсифӣ миёни дигар гурӯҳҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст:

[1-М]. Убайдуллоева, М. А. Ифодаи маъноии эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ [Матн] / М. А. Убайдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №2. – С.103-106.

[2-М]. Убайдуллоева, М. А. Ифодаи ҷузъҳои дохилии воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бо ҳиссаҳои нутқ [Матн] / М. А. Убайдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №7. – С.91-94.

[3-М]. Убайдуллоева, М. А. Ифодаи образ дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ [Матн] / М. А. Убайдуллоева // Паёми Донишкадаи забонҳо.

Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа. – Душанбе, 2020. – №2 (38). – С.39-44.

[4-М]. Убайдуллоева, М. А. Фраземаҳои тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / М.А. Убайдуллоева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №2 (91). – С.113-118.

[5-М]. Убайдуллоева, М. А. Идиомаҳои тавсифӣ [Матн] / М. А. Убайдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №4. – С.78-83.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои диссертатсияро комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шурои олимони факултети филология бо қарори № 2, аз таърихи 31-уми октябри соли 2022 диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна дар мавзуи «Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)» -ро кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502-Забони тоҷикӣ) тавсия намуд.

Иштирок дошатнд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратмаҷлиси №2, аз 31-уми октябри соли 2022.

Раиси шурои олимон,
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

Мукарризони холис:
доктори илми филология, мудири
кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи
ҷисмонии ба номи С. Раҳимов Шафоатов А. Н.

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва адабиёти
тоҷики факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримов Н.

Котиби илмии шуро, дотсент Мавлонзода Ш.

Имзоҳои С. Эмомалӣ ва
Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:
Сардори РК ва КМ ДМТ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«03» ноябри соли 2022

Имзои Шафоатов А. Н.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Деҳқонова З.Б.

Сурога: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб-53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77.
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru

«03» ноябри соли 2022.